***ТДУ 371.013***
***ТКБ 74.200.55***

# *НАҚШИ АРЗЁБӢ ДАР РАВАНДИ МАШҒУЛИЯТҲОИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ БО НАЗАРДОШТИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ*

***Алиева Мунзифахон Насимовна,*** *сармуаллимаи кафедраи технология ва методикаи таълими он;* ***Неъматов Лутфулло Хайруллоевич****, номзади илмҳои педагогика, дотсенти кафедраи технология ва методикаи таълими они МДТ «ДДХ ба номи акад. Б.Ғафуров” (Тоҷикистан, Хуҷанд)*

# *РОЛЬ ОЦЕНИВАНИЯ НА УРОКАХ ИСКУССТВА И ТЕХНОЛОГИИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ КОМПЕТЕНТНОСТНОГО ПОДХОДА*

***Алиева Мунзифахон Насимовна****, старший преподаватель кафедры технологии и методики её преподавания;* ***Неъматов Лутфулло Хайруллоевич****, кандидат педагогических наук, доцент кафедры технологии и методики её преподавания ГОУ «ХГУ имени акад. Б.Гафурова” (Таджикистан, Худжанд)*

# *THE ROLE OF ASSESSMENT IN THE PROCESS OF ART AND TECHNOLOGY LESSONS IN COMPETENT ATTITUDE*

***Alieva Munzifakhon Nasimovna,*** *senior lecturer of the department of technology and methods of its teaching;* ***Nematov Lutfullo Khairulloevich,*** *candidate of pedagogical sciences, Associate Professor of the department of technology and methods of its teaching under the SEI “KhSU named after acad. B. Gafurov” (Tajikistan, Khujand),****E-mail:*** *m.alieva-92@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:*** *арзёбӣ, нақш, машғулият, санъат ва меҳнат, муносибати босалоҳият*

*Мақола роҷеъ ба масъалаи мавқеи арзёбӣ дар раванди таълими фанни санъат ва меҳнат буда, яке аз масъалаи мубрам дар раванди гузариш аз таълими анъанавӣ ба муносибати босалоҳият дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, баҳс менамояд. Муаллифон бар он ақидаанд, ки арзёбӣ дар раванди таълими босалоҳият барои баланд бардоштани сифати таълим ва инчунин маърифати хонанда аҳамияти ҷиддӣ дошта, ҷузъи таркибии раванди таълимро ташкил медиҳад. Таъкид мегардад, ки дар низоми мазкур омӯзгор имкони бо хонандагон инфиродӣ фаъолият бурданро дошта, метавонад дар асоси арзёбӣ малакаи соҳибшудаи хонандаро ташхис намуда, раванди таълимро дуруст ба роҳ монад, ки натиҷа дар аз тарафи хонанда ҳисси масъулиятнокӣ беш мегардад.*

***Ключевые слова:*** *оценивание, роль, занятие, искусство и труд,компетентностное отношение*

*Статья посвящена роли и значению оценивания на уроках искусства и труда, что является одним из ключевых вопросов в процессе перехода от традиционного образования к компетентностному подходу в общеобразовательных школах Республики Таджикистан. Авторы утверждают, что в процессе компетентностного подхода оценка имеет немаловажное значение для повышения качества обучения, является значимым и составным компонентом учебного процесса. Отмечается приоритетность данной системы в осуществлении индивидуального подхода в работе с учащимися и возможность проведения на основе оценки диагностики приобретенных ими навыков и умений, что в свою очередь, способствует правильной организации учебного процесса со стороны учителя. Подчеркивается роль оценивания в формировании чувства ответственности у учащихся.*

***Key words****: assessment, role, lesson, art and work, competent attitude*

*The article under consideration dwells on the position of assessment in the process of art and labor lessons and is considered to be one of the key issues beset with transition from traditional education to a competent approach at secondary schools of Tajikistan Republic. The authors lay an emphasis upon the idea that in the process of competence-based approach assessment is of great importance aimed at improvement of the quality of education; it is an important component of the educational process as well. In this system, the teacher is given the opportunity to carry out an individual approach to students and designing on the premise of the assessment diagnose the skills and abilities they have acquired the former promoting the correct organization of the educational process on the part of the teacher. In this case, the students` sense of responsibility develops, on the whole.*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти миёнаро яке аз самтҳои афзалиятноки инкишофи мамлакат эътироф кардааст, ки кори доимӣ ва ҳадафмандро оид ба рушди минбаъда ва такмили низоми ватании маълумоти миёна тақозо мекунад.

Дар мақолаи худ М.Алиева чунин ибрози ақида намуда, қайд кардааст: «...Дар ҳама давру замон инсоният эҳтиёҷотро ба одамоне, ки на танҳо дониши қавӣ ва чуқур доранд, балки қодиранд ғайримуқаррарӣ, мустақилона фикр кунанд ва ба ҳалли масъалаҳои ба миён омада эҷодкорона муносибат кунанд, эҳсос карда мешуд ва мекунад. Бо назардошти ин омил, рушди низоми маориф бояд ба қонеъ намудани талаботи ҷомеа барои ташаккули шахсияти созанда, рушди қобилияти эҷодии хонандагон равона карда шавад. Калиди муваффақият дар ҳалли ин мушкилот, ба назари мо, дар он аст, ки раванди таълим дар синфҳои ибтидоӣ чӣ гуна ба роҳ монда шудааст, зеро маҳз дар ин давра фаъолияти таълимӣ ва асосҳои фаъолият, мустақилият ва нерӯи эҷодӣ ташаккул меёбанд» [1, с.167].

Арзёбӣ дар таълими босалоҳият принсип, ҳадаф ва хусусияти ба худ хос дорад. Дар таълими анъанавӣ ба инкишофи хотир аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад. Ҳангоми муқоиса бо таълими анъанавӣ дар таълими босалоҳият ба дараҷаи ташаккули малака диққати асосӣ дода шуда, метод, тарзи муносибат ва инчунин воситаҳои арзёбӣ нисбат ба таълими анъанавӣ мураккабтар буда, бояд омӯзгор дорои маҳорат ва малакаи хуби банақшагирӣ дошта бошад. Дар таълими босалоҳият арзёбӣ намудани натиҷаҳои таълим бо мақсади муайян намудани дониш, маҳорат ва малакаи заминавии хонанда, муайян намудани раванди азхуд намудани малакаву маҳоратҳои нав, муайян намудани дараҷаи ниҳоии натиҷаҳои таълим гузаронида мешаванд.

Аз сарчашмаҳои луғавӣ ва илмӣ маънои мафҳуми «арзёбӣ»-ро меорем:

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» калимаи «арзёбӣ» чунин шарҳ дода шудааст: «1.Баррасии ҷанбаҳои мусбат ва манфии чизе; 2.Муайян кардани арзиши чизе, баҳодиҳӣ; арзёбӣ кардан–баҳо додан; дар бораи арзишу аҳамияти чизе изҳори ақида кардан» [8, с.76]. «Арзёбӣ-ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ ба даст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд» [7,с.8]. «Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва ноил гаштан ба мақсадҳои таълимии дар барномаи фаннӣ зикршуда пешбинӣ шудааст» [5,с.24]. «Масъалаи арзёбии комёбиҳои таълимии хонандагонро бо роҳи ташаккули арзёбии меъёрии натиҷаҳои аз ҷониби хонандагон азхуд шудани барномаҳои таълимии асосӣ ҳал кардан мумкин аст» [9, с.4].

Ҳамин тариқ, арзёбӣ ин раванди мушоҳида намудани фаъолияти таълимии хонандагон, фаъолияти омӯзгору синф, муассисаи таълимӣ, тасвир, ҷамъоварию қайд ва таҳлили ахбор бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим мебошад. Агар таълим ин омодагӣ ба ҳаёт бошад, пас арзёбӣ ин чӣ тавр омодагӣ ба ҳаёт рафта истодаастро муайян менамояд.

Оид ба мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим дар стандарти синфҳои ибтидоӣ чунин оварда шудааст: «Арзёбӣ ҷузъи таркибии раванди таълим ба шумор меравад. Ҳанӯз дар марҳалаи банақшагирӣ роҳу методи арзёбӣ муайян карда мешаванд. Методи арзёбӣ пас аз муайян кардани натиҷа ё мақсадҳои таълимии дарс интихоб мегарданд. Пас аз иҷрои фаъолиятҳои таълимие, ки барои расидан ба мақсадҳои таълим ба роҳ монда мешаванд, арзёбӣ гузаронида мешавад. Дар ин марҳала арзёбӣ имкон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии хонандагон санҷида шавад ва дар ҳолати номувофиқатии натиҷаҳои арзёбӣ ба мақсадҳои гузошташуда, омӯзгор роҳу воситаҳои дигари таълимро барои ноил гаштан ба мақсадҳои гузошташуда интихоб намояд. Дар асоси натиҷаҳои арзёбӣ банақшагирии раванди минбаъдаи таълим ба роҳ монда мешавад. Яъне вақте омӯзгор муайян мекунад, ки хонандагон ин ё он малакаро аз худ кардаанд ё не (инро танҳо натиҷаи арзёбӣ таъмин карда метавонад), раванди таълимро мутобиқан ба нақша мегирад» [6, с.114-115].

Таҳти мафҳуми арзёбӣ ё баҳодиҳӣ мо раванди муқоисаи комёбиҳои имрӯзаи хонандаро бо комёбиҳои пешинаи ӯ ва раванди таносуби натиҷаҳои таълимро бо меъёрҳое, ки стандартҳои мавҷудаи таълим пешниҳод кардаанд, мефаҳмем. Раванди ба вуҷуд овардани меъёрҳо ва шаклҳои арзёбӣ якҷоя бо хонандагон амалӣ гардонида мешавад ва мо онро чун тарзи ташаккули хударзёбӣ ё худбаҳодиҳии хонандагон баррасӣ мекунем.

Дар асоси принсипҳои мактаби ибтидоӣ мо қоидаҳои зерини корро дар низоми арзёбиро пешниҳод менамоем: бо хонандагон ҳатман баррасӣ намудани меъёрҳои арзёбии кор; гузариши тадриҷии махсус мураттабсохтаи аз низоми арзёбии бебаҳо ба низоми арзёбии панҷбалла; амалигардонии гузариш аз арзёбии бебаҳо баллӣ на якбора барои ҳама, балки дар рафти марҳилаи гузаштии арзёбиро истифодаи фаҳмидани хонандагон; ҳатман таъкид кардани маҳоратҳои хонандагон, ки сазовори таҳсин аст; арзёбии танҳо кори хонанда, на худи ӯ; муҳокимаи комёбиҳои хонанда танҳо дар вақти сӯҳбати инфиродӣ бо волидайн дар маҷлиси умумии падару модарон.

Дар низоми арзёбии синфҳои ибтидоӣ арзёбиҳои зерин мавриди истифода қарор мегиранд: арзёбии дохилӣ, ки омӯзгор ё мактаб амалӣ мегардонад; арзёбии берунӣ, ки маъмулан дар шакли расмиёти ғайришахсиятӣ (таҳқиқоти мониторингӣ, аттестатсияи муассисаҳои таълимӣ в.ғ.) гузаронида мешавад ва натиҷаҳои он ба баҳои хонандагоне, ки дар ин чорабиниҳо иштирок мекунанд, таъсир намерасонад; субъективӣ ё коршиносӣ (мушоҳида, худбаҳодиҳӣ, худтаҳлил в.ғ.) расмиёт ва арзёбиҳои объективизатсияшуда (маъмулан ба таҳсили ҷавобу корҳои хаттии хонандагон асос меёбад), аз ҷумла стандартизатсияшуда (ба натиҷаҳои корҳои хаттӣ ё тестҳои стандартонида асос меёбад).

Роҷеъ ба шаклҳои арзёбӣ олим Г.М.Ахмедова чунин қайд мекунад: «Шакли арзёбӣ гуногун буда метавонад. Интихоби шакли арзёбиро марҳилаи таҳсил, мақсадҳои умумию махсуси таҳсил, вазифаҳои таълимии ҷорӣ, мақсади гирифтани иттилоот муайян мекунанд. Илова мегардад: арзёбии интегралӣ, аз ҷумла портфолио, намоишномаҳо, муаррифиҳо, арзёбии тафриқавии ҷанбаҳои алоҳидаи таълим, худтаҳлил ва хударзёбии хонандагон. Арзёбии ҷорӣ: ба омӯзгорони мактаби ибтидоӣ тавсия дода мешавад, ки методҳои зерини арзёбиро истифода баранд: мушоҳида, ҷадвали комёбиҳо, арзёбии раванди интихоб, интихоби ҷавоб ё ҷавоби кӯтоҳ, ҷавоби кушода, портфолио, худтаҳлил» [3,с.8].

М.Алиева дар рисолаи илмии худ роҷеъ ба сабабҳои гузаронидани арзёбӣ чунин ибрози ақида намудааст: «Сабабҳои гузаронидани арзёбӣ инҳо: равона кардани диққати хонанда ба мақсади таълим ва нишонаи муваффақият; мувофиқатии раванди таълимӣ ба сиёсати давлат ва инчунин сатҳ ва дараҷаи муассисаи таълимӣ; пешниҳод намудани маълумот оид ба сифати кори хонанда, пешниҳод намудани сатҳи натиҷаи таълим ба волидон ва аҳли ҷомеа, такмил ёфтани арзёбӣ ва технологияҳои таълим, таъмини самаранокии барномаҳои таълим мебошад. Фаъолияти бештари омӯзгор ҷиҳати пурра намудани роҳҳои пешрафти фардии хонанда, асосан дар самтҳои пешниҳод намудани маълумот доир ба такмил ва инкишофи минбаъдаи раванди таълим, такмил додани малакаи худбаҳодиҳӣ, дастгирӣ намудан дар интихоби минбаъдаи самти таълим, додани имконияти ба худ ва ба ҳамдигар баҳо додан, робитаи мутақобила бо хонандагон, раҳнамоии хонанда ба омӯзиши ҳадафманд равона карда шавад» [1,с.67].

Бо мақсади ба мушкилӣ дучор нашудани омӯзгорон дар стандартҳо ва роҳнамоҳои фаннӣ намунаи нишондиҳандаҳо барои салоҳиятҳо дар алоҳидагӣ мавҷуд мебошад. Ба омӯзгорон имкон фароҳам меоварад, ки дараҷаи ноил гаштан ба салоҳият ва инчунин азхудкунии малакаҳо арзёбӣ карда шавад. Арзёбии ташаккулдиҳанда чунин методи баҳодиҳие мебошад, ки бо воситаи он аз тарафи омӯзгор ва хонанда раванди таълим таҳлил карда шуда, хулосаҳои зарурӣ бароварда мешаванд. Воситаҳои арзёбии мазкур ба омӯзгор имкон фароҳам меоварад, ки раванди таълим мушоҳида карда шуда, бо воситаи маслиҳат ва машваратҳо фаъолияти таълимиро барои расидан ба мақсадҳои таълим равона намояд. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба хонандагон имкон медиҳад, ки дараҷаи инкишофёбиашонро муайян намуда, барои дастрасӣ ба дараҷаи баландтар шароити мусоид пешкаш намояд. Арзёбии мазкур ҷузъи асосии банақшагирии дарсро ташкил медиҳад. Бояд омӯзгор дар рафти банақшагирии дарс он намуди фаъолиятҳоро ба назар гирад, ки ҳам худаш ва ҳам хонанда имкони назорат намудани раванди таълим таъмин карда шавад. Дар асоси чунин принсип роҳ, восита ва методҳои арзёбӣ пас аз муайян намудани мақсад ва фаъолияти таълим тарҳрезӣ мешавад. Ҳадаф дар он, ки дар марҳилаи банақшагирӣ роҳ ва воситаҳои арзёбӣ муайян шуда, дараҷаи эътимод ва самаранокӣ таҳлил карда шаванд.Чунин навъи арзёбӣ ба таҳлил намудани раванди омӯзиш вобаста мебошад. Дар вақти арзёбӣ бояд хонандагон ба саволҳои чӣ гуна ба натиҷаҳои зерин ноил гаштанд, чӣ душворӣ пеш омад ва аз кадом сабаб муваффақ шуданд, посух диҳанд. Чунин рафтор хонандагонро водор менамояд, ки раванди таълим таҳлил карда шуда, ба худ боварӣ ҳосил кунанд. Баъди иҷро намудани ҳар як фаъолияти таълим омӯзгор бо воситаҳои арзёбӣ хонандагонро мувазaф вазифадор менамояд, ки раванди иҷрои фаъолият таҳлил карда шуда,

хулосабарорӣ намуда, фаъолияти минбаъда ба таври мушаххас муайян карда шавад. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамчун асоси дарс мебошад. Бештари фаъолиятҳои таълимие, ки ҳангоми дарс иҷро мешаванд, бояд дорои хусусияти таҳлилӣ бошанд. Ҳангоми тарҳрезӣ намудани супориши амалӣ ва дигар фаъолиятҳои раванди таълим бояд ба хонандагон имкони таҳлил намудани раванди омӯзиш фароҳам оварда шавад. Чун пояи асосии тайёрии касбии омӯзгор ба ҳисоб меравад. Бояд омӯзгор соҳиби малака ва маҳорати истифода намудани воситаҳои арзёбӣ бошад. Чунин малака ва маҳорат дар донишгоҳ, донишкада, коллеҷ ва ё ба ҳангоми худомӯзӣ ҳосил мешавад. Бояд омӯзгор тарзҳои банақшагириву ташкил, таҳлил намудани воситаҳои арзёбӣ, пешниҳод намудани тавсияҳо, савол ва масъалаҳо дуруст ба роҳ монда тавонад.

Омӯзгор вазифадор аст, ки дар вақти арзёбӣ намудан ҳама дастовардҳои хонандагонро ба назар гирад ва он қадрдонӣ карда шавад. Бояд ҳама хонандагон ба фаъолиятҳои таълимии худ имкони гирифтани тавсияву тақриз ва инчунин таҳлилро соҳиб бошанд. Бояд гуфт, ки ба эътибор нагирифтани ҳама дастоварди таълимии хонанда ҳавасмандӣ дар маърифатҷӯӣ ва таълимгирии ӯ дар дараҷаи паст қарор мегирад. Бо чунин мақсад ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, то ҳамаи дастовардҳои хонанда қадрдонӣ карда шавад.

Дар раҳнамои синфи 4-ум аз фанни санъат ва меҳнат оид ба арзёбии ҷамъбастӣ чунин оварда шудааст: «Арзёбии ҷамъбастӣ. Вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни санъат ва меҳнат, ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ)-ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад. Иҷрои амал: вобаста ба синф (синну сол) донистан ва истифода бурда тавонистани воситаҳои санъати тасвирӣ ва меҳнат (қалам, мӯқалам, ранг, об, қайчӣ, сӯзан, матоъ ва ғ.); Эҷод: вобаста ба синф (синну сол) эҷод карда тавонистани ғояҳои нав ва шарҳ дода тавонистани он; Арзёбӣ: вобаста ба синф (синну сол) шарҳ дода тавонистани муносибати худ нисбат ба намудҳои санъат, арзёбӣ карда тавонистани намунаҳои санъат, кори худ ва дигарон» [4, с.26].

Мувофиқи мақсад арзёбии мазкурро тавассути тест, санҷиши кори амалию имтиҳони шифоҳӣ, ҷамъбасти марҳилаҳо ва инчунин чорякҳо ба роҳ монда мешавад. Метод, роҳ ва воситаҳои чунин навъи арзёбиро бо мақсади тасдиқ намудан, расман шинохтан ва ба қайди зарурӣ гирифтани дастоварди таълимии хонанда истифода карда мешаванд. Арзёбии ҷамъбастӣ бо мақсади муайян намудани натиҷаи таълим нақши муҳимро мебозад.

Бояд омӯзгорон дар хотир гиранд, ки савол ва супоришҳои тестие, ки хуб тарҳрезӣ шудаанд, имкони эътимоднокӣ дар арзёбиро таъмин менамояд ва ба самаранокии қарорҳои қабул мешуда, мусоидат менамояд. Намунаҳои супоришҳои тестӣ оварда мешавад:

***Интихоб намудани як ҷавоби дуруст.*** Асосан чунин навъи супориши тестӣ бисёртар истифода карда мешавад. Бо воситаи чунин навъи супориш дараҷа ва сатҳҳои гуногунии дониши хонанда санҷида мешавад. Он мақсадҳои таълимӣ, ки хоҳиши санҷидан доред, сараввал бояд муайян намоед; Ақида, фикр ва саволҳои асосиро бояд таҳия намуд. Барои санҷидан чаҳор ҷавобро тартиб диҳед, ки танҳо якеи он дуруст бошад. Ҷавоби нодуруст ба ҷавоби дуруст наздикӣ дошта бошад.

***Дуруст ё нодуруст.*** Ин навъи супориши тестӣ барои муайян намудани дараҷаи дарк намудани мӯҳтавои маълумоти шунида ва ё матни хондашуда пешниҳод мегардад. Дар чунин навъи супориш ақидаи дуруст ва ё нодуруст дода мешаванд, ки вазифаи хонандагон муайян кардани он мебошад.Он мақсад ва натиҷаҳои ниҳоии таълимро, ки омӯзгор хоҳиши санҷидан дорад,дар аввал бояд муайян намояд; Мақсади таълим ба кадом навъи салоҳият ва нишондиҳандаҳои он мувофиқат карданашро муқаррар карда шавад; Дараҷаҳои қобилиятҳои маърифатии савол ва супоришҳои тестиро, ки таҳия мешавад, бояд муайян намуд; Оид ба мавзӯи хондашуда чанд ақида баён карда шавад, ки онҳо дуруст ва инчунин нодуруст бояд бошанд; Онҳо бояд таги ҳам навишта шуда, дар пеши онҳо катакча кашида, калимаҳои дурусту нодуруст навишта шавад; Аз тарафи хонанда баъди мутолиаи матни додашуда дуруст ва ё нодурустии ақидаҳо муайян карда мешавад. Барои намуна чунин мисол оварда мешавад:

Пас аз ба итмом расонидани корҳои дӯзандагӣ асбобҳои зарурӣ дар қуттиҳои махсус ҷой дода шавад. □ дуруст; □ нодуруст

Баъди рангкунии расми тасвиршуда бо ранги обӣ хушккунӣ зарурият надорад. □ дуруст; □ нодуруст

***Мувофиқгузорӣ.*** Бо воситаи супоришҳои тестии мавофиқагузорӣ хонанда бояд ду қисми як муамморо мувофиқ гузорад. Сараввал бояд он мақсад ва натиҷаҳои ниҳоии таълимиро, ки санҷидан мехоҳад, бояд муайян намуда, бо кадом намуди салоҳият ва нишондиҳандаи он

мувофиқат кардани мақсадҳои таълимӣ муқаррар карда шавад; Он дараҷа ва сатҳи қобилиятҳои маърифатӣ, ки савол ва супоришҳои тестӣ таҳия карда мешаванд, бояд муайян намуд; Як қисми масъаларо дар сутуни «А» ва қисми дуюмро дар сутуни «Б» навишта мешавад; Набояд, ки тартиботи пайдарҳамии сутунҳо бо ҳам мувофиқат кунанд; Сатри сутуни «А»-ро бо рақамҳо ишора намуда, баъди он хати кӯтоҳ кашида шавад; Сатри сутуни «Б»-ро тавассути ҳарф ишора карда мешавад; Аз тарафи омӯзгор супориш дода мешавад, ки мафҳум ва иборaҳои ҳар ду сутунро бо ҳам мувофиқ карда шавад. Аз тарафи хонанда фақат ҳарфҳои мафҳумҳои сутуни «Б» дар назди мафҳум ва ё ибораи мувофиқ ба сутуни «А» навишта мешавад. Намуна: Калимаҳои сутуни «А»-ро бо калимаҳои сутуни «Б» мувофиқ гузоред:

| Сутуни А | Сутуни Б |
|---|---|
| 1. Дӯзандагӣ;<br>2.Бофандагӣ;<br>3.Рассомӣ;<br>4.Аппликатсия. | а) сӯзан, ришта;<br>б) чангак, сих;<br>в) қоғази ранга;<br>г)муқалам, ранги обӣ. |

***Пурра намудани ҷойи холӣ.*** Талаботи чунин навъи супориши тестӣ аз он иборат аст, ки аз тарафи хонанда бояд, калимаи дуруст ба ҷойҳои холӣ гузошта шавад. Сараввал бояд он мақсад ва натиҷаҳои ниҳоии таълимиро, ки санҷидан мехоҳад, бояд муайян намуда, бо кадом намуди салоҳият ва нишондиҳандаи он мувофиқат кардани мақсадҳои таълимӣ мукарар карда шавад; Он дараҷа ва сатҳи қобилиятҳои маърифатӣ, ки савол ва супоришҳои тестӣ таҳия карда мешаванд, бояд муайян намуд; Оиди мавзӯи интихобшуда ҷумла ва ё ақидае таҳия намуда мешавад. Танҳо як калимаи асосӣ ва ё калидӣ тоза карда мешавад. Дар ҷойи калимаи тозашуда хат кашида мешавад; Хонандагон вазифадор мешаванд, ки ба ҷойи хати кашидашуда калимаи зарурӣ дарёбанд.

Намуна: Расмро аввал бо ______одӣ тасвир намуда, сипас бо қалами ранга ранг мекунанд;

Дар расмкашӣ барои тасвири хати рост истифодаи ______мумкин нест.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки арзёбӣ дар раванди таълими босалоҳият барои баланд бардоштани сифати таълим ва инчунин маърифати хонанда аҳамияти калон дошта, ҷузъи таркибии раванди таълимро ташкил медиҳад. Дар низоми мазкур имкони бо хонандагон инфиродӣ фаъолият бурданро дошта, метавонад дар асоси арзёбӣ малакаи соҳибшудаи хонандаро ташхис намуда, омӯзгор раванди таълимро дуруст ба роҳ монад. Дар чунин ҳолат аз тарафи хонанда ҳисси масъулиятнокӣ беш мегардад.

## ПАЙНАВИШТ:


1. Алиева М. Ташаккули қобилияти эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фанни санъат ва меҳнат бо назардошти муносибати босалоҳият: дисс...докт. (PhD) 6D010700: /М.Н.Алиева// Хуҷанд, 2019.-343 с.
2. Алиева, М.Формирование творческих способностей и развитие творческого мышления в младших классах на уроках искусства и технологии /М.Алиева, А.Азизов// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон- 2018.- №6,С.167-171
3. Аҳруллоев, В.Дидактические игры как средство развития творческого мышления учащихся в процессе обучения математике:/В.Аҳруллоев// дис...канд.пед. наук: 13.00.02 -Душанбе, 2012.-156 с.
4. Иргашева,М.У. Раҳнамои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум/М.У.Иргашева, А.А.Азизов, М.Насимӣ.-Душанбе: Маориф, 2016.- 112 с.
5. Иргашева, М.У. Замима ба китоби дарсии санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум /М.У.Иргашева, А.А.Азизов, М.Насимӣ.-Душанбе: Маориф, 2016.-40 с.
6. Ниёзов, Ф. Стандарти фанҳои зинаи таҳсилоти ибтидоӣ /Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Хайруллоев, Б. Нусратов, Ш. Абдураҳмонова, Қ. Зиёев, М.У. Иргашева, П. Лутфуллоева, Н.Қодиров, Г. Ҷонмаҳмадова.-Душанбе: Маориф, 2017.-116 с.
7. Рӯзиева, М.Д. Раҳнамои фанни технология (барои духтарон) синфи 5-ум /М.Д.Рӯзиева, М.Насимӣ//- Душанбе: Маориф, 2017.-180 с.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди I. Душанбе.2008.-76 С.
9. Ҳомид, Э. Дидактические основы перехода на критериальное оценивание знаний, умений и способностей учащихся в школах Ирана /Э.Ҳомид// дис...канд.пед.наук: 13.00.01.-Душанбе, 2014.-27 с.

## REFERENCES

1. Aliyeva, M.Primary School Students` Creative Abilities Development in the Field of Art and Technology in Accordance with Competent Approach: (PhD) doctoral dissertation in pedagogy 6D010700 [Text]: /M.N. Aliyeva// Khujand, 2019. - 343 p.
2. Aliyeva, M.Creative Abilities Formation and of Creative Thinking Development in Junior Classes at Art and Technology Lessons / M.N. Aliyeva, A.A. Azizov // Bulletin of the Tajik National University. 2018. - №6, - P. 167 – 171.
3. Ahrulloev V. Didactic Games as a Means of Students` Creative Thinking Development in the Process of Mathematics Tuition [Text]: / V. Ahrulloev // candidate dissertation in pedagogy: 13.00.02 - Dushanbe, 2012. - 156 p.
4. Irgasheva M.U. Manual for the 4-th Grade/M.U. Irgasheva, A.A. Azizov, M.Nasimi. - Dushanbe: Enlightenment, 2016. - 112 p.
5. Irgasheva M.U. Appendix to the Manual of Art and Technology for the 4-th Grade [Text]: / M.U. Irgasheva, A.A. Azizov, M. Nasimi // - Dushanbe: Enlightenment, 2016. - 40 p.
6. Niyozov F. Standards of Primary Education Subjects [Text]: / F. Niyozov, M. Ziyoev, A. Aliev, B. Khairulloev, B. Nusratov, Sh. Abdurahmonova, K. Ziyoev, M.U. Irgashova, P. Lutfulloyeva, N. Kodirov, G. Jonmahmadova. - Dushanbe: Enlightenment, 2017. - 116 p.
7. Ruziyeva M.D. Manual for the Subject of Technology (for girls) of the 5-th Grade [Text]: / M.D. Ruziyeva, M. Nasimi. - Dushanbe: Enlightenment, 2017. - 180 p.
8. Interpretation Dictionary of the Tajik Language. – V.I. – Dushanbe, 2008. - 76 p.
9. Homid E. Didactic Grounds of Transition to Criteria-Based Assessment of Knowledge, Skills and Abilities of Students in Schools of Iran [Text]: /E.Homid// synopsis of candidate dissertation in of pedagogy: 13.00.01. - Dushanbe, 2014. - 27 p.